# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамияти таҳқиқи мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи муосир нақши хеле муҳим мебозанд. Онҳо ҳамчун воситаи муҳимми ифодаи иродаи сиёсии шаҳрвандон, иштирок дар ташаккули сиёсати давлатӣ ва таъмини иртибот байни ҷомеа ва ҳокимият баромад мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба пешбурди манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои сиёсӣ, ҷалби шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсии онҳо мусоидат мекунанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа боз ҳам афзуда, масъулияти онҳо дар назди мардум ва давлат торафт бештар мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ аҳамияти хоса касб мекунад.

Дар ин замина таҳлили мушаххаси масъалаҳои марбут ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот, аз ҷумла, усулҳои пешбарии номзадҳо, стратегияҳои таблиғотӣ, таъсири маблағгузорӣ ба раванди интихоботӣ ва назорати фаъолияти онҳо зарур аст. Инчунин омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мухталиф дар ин самт ва муқоисаи онҳо бо вазъи мавҷудаи кишвари мо имкон медиҳад, ки роҳҳои беҳтар намудани низоми интихоботӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ муайян карда шаванд.

Мавзуи мазкур аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ низ ҷолиб аст, зеро он имкон медиҳад, ки мафҳумҳои асосӣ, аз қабили ҳизби сиёсӣ, системаи интихоботӣ, иштироки сиёсӣ ва таъсири онҳо ба рушди ҷомеа дақиқтар муайян карда шаванд. Таҳлили адабиёти илмӣ ва таърихи масъала имкон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии ташаккул ва рушди ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷаҳон ва дар кишвари мо муайян карда шаванд. Инчунин, таҳқиқи қонунгузории интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро танзим мекунанд, барои дарки амиқи вазъи ҳуқуқии онҳо ва муайян намудани масъалаҳои ҳалталаб мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ аз ҷиҳати илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои беҳтар намудани қонунгузории интихоботӣ, тақвияти нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва таъмини самаранокии маъракаҳои интихоботӣ мусоидат намоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маърифатӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ истифода шаванд.

Системаи интихоботӣ ҳамчун механизми асосии таъмини иштироки шаҳрвандон дар идораи давлатӣ ва ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ,

ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар ин раванд фаъолона ширкат варзанд. Ҳизбҳо тавассути пешбарии номзадҳо дар интихобот, таблиғоти сиёсӣ, ҷалби тарафдорон ва назорат аз рафти интихобот, ба ташаккули иродаи интихобкунандагон ва муайян намудани натиҷаҳои интихобот таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ, таҳлили қонунгузории интихоботӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар ва муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани нақши ҳизбҳо дар интихобот, барои рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ ва ниҳодҳои демократии ҷомеа аҳамияти калон дорад. Ҳамин тариқ, таҳқиқи мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ имкон медиҳад, ки нақши ҳизбҳо дар равандҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ муайян карда шуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо пешниҳод гарданд. Ин дар навбати худ ба рушди демократия, таъмини иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар идораи давлатӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Расулзода Аслам Зафар соли 2011 ба ихтисоси «сиёсат ва идораи давлатӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.09.2022, №352-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Расулзода Аслам Зафар «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» дар маҷлиси Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19.10.2022, суратмаҷлиси №3 тасдиқ шудааст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ солҳои 2022-2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Таҳқиқи диссертатсионии худро дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар давраи унвонҷӯии худ анҷом додааст.

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, робитаи таҳқиқи диссертатсионӣ бо лоиҳаҳои дигари илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии кори илмӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти системаи интихоботӣ: ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқот» – довталаби дараҷаи илмӣ дар заминаи омӯзиш ва таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ мазмуну мундариҷаи ҳизбҳои сиёсиро таҳқиқ намуда, заминаҳои консептуалии алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботиро муайян кардааст. Дар зербоби якуми ин қисми таҳқиқот моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои зоҳиршавии ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои кадрӣ, оммавӣ, ҳизбҳои иброзгари манфиатҳо, ҳизбҳои идеологӣ, омилҳои таъсиррасон ба ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар зербоби якум довталаб раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсиро дар қаринаи таърихӣ хеле хуб нишон додааст. Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми интихоботии ҷомеа таҳлил гардидаанд. Аз ҷумла нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пешбарии номзадҳо, таъсири онҳо ба афкор ва рафтори интихобкунандагон, нақши ҳизбҳо дар ташаккули барномаҳои ҳизбӣ ва барномаҳои пешазинтихоботӣ ба таври муфассал таҳлил гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ташаккули системаи интихоботӣ дар шароити муосир» – хусусиятҳои раванди ташаккулёбии системаи ҳизбӣ дар раванди сиёсии демократӣ ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар зербоби якуми боби дуюм як қатор масъалаҳое, ки дар ташаккули низоми ҳизбӣ таъсиргузоранд, таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф дар рафти пажӯҳиши ин масъала ба чунин омилҳо, аз қабили сохтори иҷтимоии ҷомеа, фарҳанги сиёсии ҷомеа, низомҳои интихоботӣ, таърихи сиёсии кишвар ва таъсири онҳо ба системаи ҳизбӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст. Дар зербоби дуюми ҳамин боб асосан фаъолнокӣ ва вазифаҳои гуногуни ҳизбҳои сиёсӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар ин замина нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ниҳодҳои демократии ҷомеа, ва дар маҷмуъ, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаҳои интихоботӣ ҳамаҷониба омӯхта шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи интихоботӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар зербоби якуми боби сеюм нишон дода мешавад, ки ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди интихобот кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд. Аз ҷумла пешбарии номзадҳо, таҳияи барномаҳои сиёсӣ, пешбурди тарғибот ва ташвиқот, иштирок дар раванди интихобот ва монанди инҳо ҳамчун вазифаҳои муҳимтарини ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ мегарданд. Дар зербоби дуюми ҳамин боб таҳкими заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, тақвияти иқтидори кадрии ҳизбҳо, тақвияти робитаҳои ҳизб бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, истифодаи технологияҳои

иттилоотӣ аз ҷониби ҳизбҳо роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ номида мешавад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии довталаб ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявию методологӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент,**
**декани факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** /________/ **Сафарализода Х.Қ.**

16-уми апрели соли 2025

Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н.Қарабоев, 150/2, ҳуҷраи 53.
Тел.: +992 988127383
E-mail: quddusov@mail.ru

Имзои дотсент Сафарализода Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ __________

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 -37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj
16-уми апрели соли 2025